Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Масъуд Мумин дар мавзуи «Сиёсати фарҳангӣ ва хусусиятҳои он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ)

Сиёсати фарҳангии ҳар як давлат на танҳо маҷмуи тадбирҳо барои дастгирии санъат ё ҳифзи ёдгориҳо мебошад. Он як воситаи стратегӣ барои ташаккули ҳувияти миллӣ, таъмини суботи иҷтимоӣ ва ҳамгироии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи мазкур аҳамияти хоса ва аҳамияти бисёрҷониба пайдо мекунад. Аҳамияти таҳқиқи сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман бо раванди миллатсозӣ алоқаманд аст ва он аз замони ба даст овардани истиқлолият идома дорад. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳурӣ бо зарурати аз нав дида баромадани пояи фарҳангии худ, даст кашидан аз модели ягонаи шуравӣ ва ҷустуҷӯи решаҳои аслӣ рӯ овард. Дар чунин шароит масъалаҳои барқарор кардани хотираи таърихӣ, анъанаҳои миллӣ ва рушди забони миллӣ (тоҷикӣ) ҳамчун забони давлатӣ ба миён омаданд. Омӯзиши тарзи идоракунии ин равандҳо ва механизмҳое, ки давлат барои эҷоди фазои ягонаи фарҳангӣ истифода мебурд, имкон медиҳад, ки на танҳо мантиқи сиёсати дохилӣ, балки хусусияти тамоюлҳои муосири иҷтимоию фарҳангиро низ дарк карда шаванд.

Аҳамияти омӯзиши ин мавзуъ инчунин аз мушкилоти ҷаҳоние, ки Ҷумҳурии Тоҷикистони дар шароити муосир бо онҳо рӯ ба рӯ аст, вобаста мебошад. Ҷаҳонишавӣ, паҳншавии босуръати интернет ва фарҳанги бегона ба низомҳои анъанавии арзишҳо фишори назаррас эҷод мекунанд. Сиёсати фарҳангии давлат имрӯз кӯшишест барои

таҳияи масунияти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ба таъсири беруна. Тадбирҳои мазкур аз танзими фазои иттилооти оғоз гардида, то дастгирии синамо, санъат ва адабиёти миллӣ идома меёбад. Дар таҳқиқоти Сулаймонзода М.М. масъалаҳои номбаргардида ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои таҳқиқот барои рушду сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқи минбаъдаи он заминаи хуби илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Автореферат ва мундариҷаи асосии таҳқиқот, ки дар автореферат инъикос ёфтааст, шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллиф паҳлуҳои гуногуни раванди ташаккулёбии сиёсати фарҳангии давлатро баррасӣ намуда, дар таҳқиқи он доираи васеи адабиёти илмиро истифода кардааст.

Таҳлили матни автореферат нишон медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур бо риояи мантиқи пай дар пайии хос анҷом дода шуда, дар он муносибати аз кул ба ҷуз ва баръакс аз ҷузъ ба кул ба осонӣ мушоҳида мегардад. Яъне, дар боби аввал муаллиф ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии сиёсати фарҳангӣ машғул гардида, онро ба таври умумӣ таҳқиқ намудааст. Сипас дар боби дуюм ба ташаккул ва татбиқи амалии сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро ҳамчун кафили ҳифзу ҳимояи арзишҳои миллӣ ва заминаи устувори таҳқиқи давлатдории миллӣ матраҳ кардааст. Дар боби сеюм бошад дурнамои рушди сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлилу баррасӣ намуда, роҳу усулҳои таъмини ҳолати ҳимоятшавандагии фазои маънавии ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавиро таҳқиқ намудааст. Чунин тарзи муносибат ба муаллиф имкон додааст, ки дар самти амалинамоии мақсади таҳқиқот ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад.

Бо дарназардошти мундариҷаи автореферат гуфтан мумкин аст, ки навоварии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо коркарди фаҳмиши

муосири сиёсати фарҳангӣ асоснок карда мешавад, ки дар заминаи он қонуниятҳои рушду икнишофи ҳаёти фарҳангию маънавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзу ҳимояи арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ниёгон дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян гардидаанд. Таҳқиқи илмии ин масъала ба муаллиф имкон додааст, ки вобаста ба рушду инкишофи сиёсати фарҳангӣ чунин фарзияро муқаррар намояд: Сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифзу тарғиби мероси фарҳанги миллӣ, рушди гуногуншаклии фарҳангӣ, инчунин таъмини дастрасии табақаҳои васеи аҳолӣ ба арзишҳои фарҳангӣ равона шудааст, омили муҳимми таҳкими ҳувияти миллӣ, мусоидат ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба фазои фарҳангии ҷаҳонӣ мебошад. Аммо, барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда бартараф кардани мушкилоти мавҷуда ва такмил додани механизмҳои татбиқи сиёсати фарҳангӣ зарур аст.

Агар дар таҳқиқоти мазкур нақши шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои хабарӣ дар тарғибу ташвиқи арзишҳои фарҳангӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ таҳқиқ мегардид, муҳтавои кори илмӣ боз ҳам беҳтар мешуд. Аммо ин норасоӣ арзиши илмии таҳқиқоти Сулаймонзода М.-ро коҳиш намедиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои илмии муаллиф, пеш аз ҳама, аҳамияти зиёди назариявию амалӣ доранд. Таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои омӯзиши минбаъдаи сиёсати фарҳангии кишвар ва рушду инкишофи он заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши рушди фарҳангии кишвар ва фарҳанги миллии Тоҷикистон машғуланд, аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди фарҳанги миллӣ истифода намудан мумкин аст. Зеро дар асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати рушди

минбаъдаи сиёсати фарҳангии давлат нишон дода шудааст, ки он барои асоснок намудани дурустии стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати фарҳангии мамлакат аҳамиятнок мебошад.

Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти Сулаймонзода Масъуд Мумин дар мавзуи «Сиёсати фарҳангӣ ва хусусиятҳои он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дарназардошти талаботи соҳаи илм анҷом дода шуда, ба муқаррароти низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти мазкур кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ба шумор рафта, бо ихтисоси илмии 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ) мувофиқат менамояд ва аз ин рӯ, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номбаргардида мебошад.

Номзади илмҳои сиёсӣ,
декани факултети сиёсат ва идораи
давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Мадвалиев Ҷ.А

Имзои номзади илмҳои сиёсӣ, Ҷ.А. Мадвалиевро
тасдиқ менамоям:

Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Нажмидинов М.М

«28» 04 соли 2026

Суроғаи муассиса:
735140, ш. Бохтар кӯчаи Айни,67,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон, теле: 8 (3222) 2-48-63
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмии муассиса: btsu.tj